«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________________
«____» ____________ 2023с.

## НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 2

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодию иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз «04» сентябри соли 2023 ш. Душанбе

**Раис:** Насриддинов Фирузҷон Бобоевич, н.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ

**Котиб:** Нуриддинов С.З, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Аминов И. н.и.и., профессор Ф.Б., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.Қ., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Ҷураев Х.Ғ., н.и.и., дотсент Хоҷахонов А., н.и.и, дотсент Ҳусайнов М.С., н.и.и, дотсент Шоасалов Н.Қ., н.и.и, дотсент Муртазоев Н.А., н.и.и, дотсент Наҷмиддинзода А.Ю., н.и.и. Турахонзода Ш., н.и.и, муаллими калон Саидаҳмадов Ф.Б., муаллимони калони кафедраҳо: Рофизода С.Ҳ., Саидмаҳмадова С.М., Ҷаборова М.Ҷ., Қаюмова С.Р. Нурбуллоева М.М., ассистентони кафедраҳо: Негматов Ҷ.С., Расулзода Ҳ.М., Исмоилова С.А.

**МУТАХАССИСОНИ ДАЪВАТШУДА:** д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ., д.и.и., профессор Ашуров И.С., узви Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 –и Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Умаров Хоҷамуҳаммад.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Носирзода Ҳусейни Саъдулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, пешрафти иқтисодиёти ҷаҳон дар давраи муосир сабаби омӯзиши масъалаҳои инноватсионии иқтисоди миллии кишвари мо гашта, Ҳукумати мамлакат дар заминаи рушди иқтисоди ҷаҳон таваҷҷӯҳи асосиро ба самти рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ медиҳад. Вобаста ба ин, дар даҳсолаи охир тағйироти куллӣ ба низоми иқтисодӣ дар сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи иқтисоди миллӣ ворид карда шуд. Дигаргуниҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва нақши технологияҳои инноватсионӣ дар он зарурияти қабули Стратегияи миллии рушди кишварҳоро ба миён овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост. Аз ин бармеояд, ки бо ташкили инноватсия дар иқтисодиёти миллӣ рушди иқтисодиёт тезонида шуда, самаранок истифода бурдани захираҳои асосӣ тавассути технологияҳои навин ба амал меояд.

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ дар иқтисодиёти миллӣ ин дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои он ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки бо ҷорӣ намудани равандҳои нави иқтисодӣ ҳалли худро меёбад. Аз ин рӯ, равандҳои нави иқтисодӣ моро водор месозад, ки оид ба масъалаи сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, истифодаи самаранокии имконияту захираҳои мавҷуда ва баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ, идоракунии технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш намоем.

Аз ин рӯ, барои неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ ва устувории иқтисодиёти мамлакат ҷорӣ намудани инноватсияро ҳамчун муҳаррики пешбаранда ва омили муҳими рушди устувории инноватсионии корхонаҳои саноатӣ гуфтан мувофиқ аст. Зеро дар асоси ташкили инноватсия мавқеи устувори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ва рушди соҳаҳои рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва ташаккули равандҳои иқтисоди инноватсионӣ ба миён меоянд.

Бояд гуфт, ки дар шароити муосири пешрафти илму техника ва рақобати ҷаҳонӣ яку якбора гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи рушди инноватсия мушкил ва мураккаб мебошад. Зеро проблемаҳои иқтисодиёти миллӣ ва системаи инноватсионӣ аз чанд омилҳое вобаста аст, ки ҳалли онҳо заҳмати зиёд ва тафаккури нави эҷодиро тақозо менамояд.

Барои гузариш ба системаи нави иқтисодӣ корхонаҳои азими истеҳсолӣ нақши муҳим мебозанд. Тавассути воридоти техникаю технологияҳои

инноватсионӣ метавонанд равандҳои инноватсионии иқтисодиёти миллиро ҷоннок гардонанд.

Масъалаи инкишофи инноватсия солҳои охир асоси омӯзиши иқтисодшиносон гашта, мураккабии масъалаи мазкур чараёни фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар бар мегирад. Ҳукумати кишвар кӯшиш менамояд, ки ҳадафҳои гузошташударо саривақт ва сатҳи баланди некуаҳволии аҳолиро бо сиёсати инноватсионӣ таъмин намояд. Яке аз роҳҳои имконпазири расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ин гузариши иқтисоди миллӣ ба модели инноватсионии рушди нигаронидашудаи иҷтимоӣ мебошад.

Баланд бардоштани нақши иқтисодии инноватсия ва самтҳои механизми рушди равандҳои инноватсионӣ муҳимтарин вазифаи сиёсати давлат мебошад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., Аминов И., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Хоҷахонов А., н.и.и., дотсент Муртазоев Н.А., н.и.и, дотсент Ҷураев Х.Ғ., н.и.и, дотсент Шоасалов Н.Қ., н.и.и, муаллими калон Саидаҳмадов Ф.Б., муаллимони калон Рофизода С.Ҳ., Ҷаборова М.Ҷ. ассистентон Негматов Ҷ.С., Қаюмова С.Р. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Носирзода Ҳусейни Саъдулло ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Хоҷамуҳҳамад баромад намуда, оиди фаъолияти педагогӣ ва илмии Носирзода Ҳусейни Саъдулло суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодӣ дошта, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, бо шиносномаи ихтисоси ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои-иқтисодӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Баъдан, муқарризи кори диссертатсионӣ Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент баромад намуда, эродҳои худро баён намуд. Инчунин, бо сабаби узрнок иштирок надоштани муқарриз Ҷумъаев Б.М. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тақризи Ҷумъаев Б. М. аз ҷониби котиби ҷаласа хонда шуда, эродҳои гирифташуда пешниҳод гардиданд. Пас аз хондани эродҳо диссертант Носирзода Ҳ.С. эродҳои аз ҷониби муқарризон пешниҳод гардидаро ба пуррагӣ ҷавоб дод.

Сипас, Муртазоев Н.А. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ, Урунбоев А., - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти

кафедраи таҳлили иқтисодӣ, Нуридинов С.З. номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ, Ҷураев Х.Г. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Маркази такмили ихтисоси кормандони Вазорати молияи ҶТ, Наҷмиддинзода А.Ю. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ, Оймаҳмадов Г.Н.,- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар ин баробар мутахассисони даъватшуда - узви Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062-и Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. ва д.и.и., профессор Ашуров И.С. баромад карда, ба рисола баҳои қаноатбахш доданд, ҳамчунин, ба унвонҷӯ Носирзода Ҳ.С. тавсияҳо пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Носирзода Ҳусейни Саъдулло муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба масъалаҳои ташаккул ва рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣи кишвар, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва баррасӣ шудаанд, барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, такмили механизми идоракунӣ, баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонии иқтисод, татбиқи “иқтисоди сабз” ва саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ки ҳамаи ин ба рушди неруи инсонӣ вобастагӣ дорад, мусоидат менамоянд.

Носирзода Ҳусейни Саъдулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 –

Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқоти Носирзода Ҳусейни Саъдуллоро инъикос мекунад.

3.Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи анҷомёфтаро дарҷ мекунад.

4. Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқаррапгардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 25 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 18 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 18 нафар
зид - нест
бетараф - нест

5.Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодию иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «04» сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №2 тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи назарияи
иқтисодии ДДМИТ Насриддинов Ф.Б.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо
ва соҳибкории ДДМИТ Нуриддинов С.З.

Дурустии имзоҳои "Насриддинов Ф.Б
ва Нуриддинов С.З."-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.